**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Баррасии таҳаввул ва ташаккули истилоҳот бисёр самтҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоиро дар баробари нишон додани вижагиҳои забон, ҳамчунин, дараҷаи рушди ин ва ё он соҳаро дар марҳилаҳои мухталифи шаклгирии халқияту миллатҳо метавонад рӯнамо созад. Умуман, ҳама гуна луғату истилоҳот дар ҳеҷ забон муддати дароз собиту бетағйир намемонад. Ҳар як андешаи нави маънавӣ ва ҳар як падидаи тоза, ки дар ҷомеа ба вуқуъ меояд, таҳаввул ва дигаргуниҳои он дар низоми вожасозӣ ва истилоҳии ҷории забони ҳар як қавму миллат ифодаи навинро ба амал меоварад. Ин андешаву афкори нави иҷтимоиву сиёсӣ ва мафҳумҳои навин, ки тадриҷан дар қолаби луғату истилоҳот баён мешаванд, агар парвардаи зеҳн ва сохти андешаи миллат бошад, равшан аст, ки эътибору иқтидори миллат ва ғановати забон мегарданд. Аз оғози пайдоиши худ забони форсии дарӣ ба ғайр аз назму наср, ҳамчунин дар баёни илму фан, фалсафаву адаб, мавзуъҳои иҷтимоиву сиёсӣ, фаъолиятҳои идориву ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба кор рафтааст. Гувоҳи ин гуфтаҳо китобҳо ва таълифоти фаровонест, ки дар ҳар яки ин риштаҳо навишта шуда, то имрӯз маҳфуз мондаанд.

**Навгонии диссертатсияи** мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ бо диду назари тоза ва бо шарҳу тафсироташ истилоҳоти марбути ҳарбӣ аз ҷониби муҳаққиқ хело ҳам ба маврид таҳқиқ гардидааст.

Дар кори диссертатсионии мазкур шарҳу тавзеҳи забоншиносӣ ва решашиносии истилоҳоти ҳарбӣ бори нахуст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи фарҳангномаҳои муосири тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ шуда, ҳамчунин тавсифи сохторӣ-

маънoии истилоҳоти соҳаи ҳарбӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

**Мавод ва матолиби** диссертатсияи мазкур метавонад дар оянда зимни таҳқиқоти умумӣ ва густардаи марбут ба услуби ягон рисола ва ё кори таҳқиқотӣ, дар таърихи ташаккул ва таҳаввули услуби забони форсии мовароуннаҳрӣ (тоҷикӣ), ҳамчунин таълиму тадриси таърихи забон ва забоншиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ ва курсу семинарҳои тахассусӣ дар мактабҳои олӣ ва таълифи барномаҳову дастурҳо ва васоити таълимӣ оид ба ин фанҳо истифода гардад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** дар он аст, ки хулосаву натиҷаҳои бадастомада ҳамчун сарчашма барои омӯзиши минбаъдаи истилоҳоти ҳарбӣ метавонад, мавриди истифодаи васеъ қарор дода шавад.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, он фарогири 178 саҳифаи компютерӣ мебошад.

Диссертатсияи мазкур, ки аз тарафи муҳаққиқ Муродова П.Б. таълиф ёфтааст, дар асоси меъёр (стандарт)-ҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзи овардани иқтибосот, шарҳу тафсирот, пойвароқҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мутобиқи талаботи меъёрҳои муосири таълифи диссертатсияҳои докториву номзадӣ сурат гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда автореферати мазкур аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи кори таҳқиқӣ хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар раванди ҷамъоварии истилоҳоти марбути ҳарбӣ диссертант аз сарчашмаҳои зиёде иқтибос овардааст. Хуб мешуд, ки ҳар як истилоҳоти марбутаро муаллиф бо тафсироташ нишон медод.

2. Агар муаллиф дар заминаи таҳқиқоти забоншиносони хориҷӣ кори худро анҷом медод, хеле хуб мешуд.

3. Дар баъзе аз саҳифаҳои автореферати диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с.15, 18, 19 ва ғ.).

Дар маҷмуъ, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо

ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва ба дастовардҳои илмии муҳаққиқ Муродова П.Б. таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муаллифи диссертатсияро комилан бозгӯ менамоянд.

Ҳамин тавр, автореферати Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забони
англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷӯраев Х.А.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, тел.: +992 937987373, почтаи электронӣ: juraevkhayyom89@inbox.ru

Имзои н.и.ф., дотсент Х.А. Ҷӯраевро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Сана: 6.03.2025